«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

_____ Хушвахтзода Қ. Х.

«28» 03 2022с.

ХУЛОСАИ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи «Баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» - солҳои 2015-2020)» аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи таълифи диссертатсия Абдуллоева Машҳура Нематовна дар кафедраи матбуоти факултети журналистика ба ҳайси унвонҷӯ ба кори пажӯҳишӣ машғул буд.

Ӯ соли 1993 шуъбаи журналистикаи факултети филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистонро (ДМТ) аз рӯйи ихтисоси журналист бо дипломи аълочӣ хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни «Таърих ва фалсафаи илм», «Забони хориҷӣ», «Ихтисос» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 24.02.2022с. дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Муродӣ Мурод Бердӣ – доктори илми филология, профессор.

<u>Дар натиҷаи муҳокима чунин хулоса шуд:</u>

Мавзуи диссертатсия актуалӣ буда, дар он баррасии масъалаи сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик пажӯҳиш шудааст. Дар рисола таъкид мегардад, ки дар сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ мавқеи хосса дошта, барои рушду тараққии он афзалият дода мешавад. Дар татбиқи сиёсати ҳукумати кишвар дар бахши сайёҳӣ,

баррасии вазъ ва ҳолати ин соҳа ва инъикоси чорабиниҳои сатҳи гуногуни марбут ба рушди он ВАО, бахусус матбуоти даврӣ нақши бориз дорад. Нашрияҳои даврӣ тавассути инъикоси воқеиятҳои сайёҳӣ ва масъалаҳои марбут ба он, аз як тараф, дар тарғибу ташвиқи мавзеъҳои сайёҳӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва ҷалби сайёҳон ба Тоҷикистон саҳм мегузоранд, аз ҷониби дигар, бо баррасии масъалаҳои марбут ба ин соҳа дар ҳалли мушкилоти мавҷуда ва рушди сайёҳӣ мусоидат мекунанд.

Ба ин мазмун, таҳқиқи омилҳои рушди сайёҳӣ дар кишвар, дарки дараҷаи таъсири маводи нашрияҳои даврӣ дар ташаккули афкори сайёҳони эҳтимолӣ, баррасии доманаи мавзуъҳо ва роҳу усулҳои тарғиби мавзеъҳои сайёҳӣ, истифодаи жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси масъалаҳои марбут ба мавзуъ ва муайян кардани нақши матбуоти даврӣ дар баррасии масъалаҳои ин соҳа муҳиммияти мавзуи диссертатсияро асоснок карда, ҷиҳати таҳияи нақшаҳои тактикӣ ва стратегии рушди журналистика ва сайёҳӣ созгор аст.

Аҳаммият ва мубрамияти мавзуи мазкур боз бо он асоснок гардидааст, ки фаъолияти сайёҳӣ дар мамлакат ислоҳотро тақозо мекунад. Ин ислоҳот тавассути дарёфти роҳҳои замонавии ҷалби сайёҳон, ба шакл даровардани навъҳои нави сайёҳӣ ва хизматрасонӣ, ба талаботи ҷомеаи муосир мувофиқ намудани тарғиби соҳаи сайёҳӣ дар ВАО, бахусус матбуоти даврӣ, баланд бардоштани мазмуну мундариҷаи матолиб, фаврият ва шеваи пешниҳоди мавод ва монанди инҳо сурат гирифта метавонад. Ин ва дигар омилҳо, аз як тараф, нақши назаррас доштани матбуоти даврирo дар баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар кишвар собит месозанд, аз ҷониби дигар, зарурат ва аҳаммияти таҳқиқи илмии мазкурро нишон медиҳанд.

Ба ин муносибат, таҳқиқи қиёсии инъикос ва баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон, аз ҷумла нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» аз аҳаммият холӣ нест.

Дар пажӯҳиши мавзуъ унвонҷӯ кӯшиш намудааст, ки бо такя ба пажӯҳишҳои баанҷомрасида маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон»-ро таҳлилу баррасӣ намуда, нақши ин

нашрияҳоро дар баррасии масъалаҳои сайёҳӣ ба таври муқоиса нишон диҳад.

Ӯ бо баррасиҳои худ собит месозад, ки нашрияи “Ҷумҳурият” дар инъикоси мавзуи сайёҳӣ ба қонуну усулҳои касбӣ такя намудааст ва нақши ин нашрия дар тарғиби имкониятҳои сайёҳии кишвар, мавзеъҳои истироҳатию рекреатсионӣ, таърихию ёдгорӣ, бренди Наврӯз ва баррасии масъалаҳои мубрами соҳа ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо муҳим аст.

Диссертант дар натиҷаи таҳлили муқоисавии мундариҷаи нашрияҳои даврии мавриди таҳқиқ ба натиҷае расидааст, ки нашрияи «Ҷумҳурият» дар инъикоси мавзуъҳои сайёҳӣ дар муқоиса ба рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» афзалият дорад, вале нашрияҳо дар инъикоси вазъи сайёҳӣ дар кишвар ва шаклгирии сайёҳӣ ҳамчун имиҷи мусбати давлат нақши ҳамгун доранд.

Диссертант дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ назари худро бо далелҳо асоснок намудааст. Ӯ муътақид аст, ки инъикоси масъалаҳои сайёҳӣ дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» масъалаи тарзу усулҳои қолабишудаи инъикоси онҳоро ба миён мегузорад, ки шинохт ва арзёбии саҳеҳи он салоҳияти касбии рӯзноманигоронро дар истифодаи жанрҳои гуногуни публитсистика ва унсурҳои жанрсоз таҳлил мекунад.

Ба ин маънӣ, аз тарафи диссертант имконияти ҳар як жанри матбуот дар алоҳидагӣ (дар мисоли хабар, ҳисобот, мусоҳиба, мақола, мухбирнома, сафарнома) дар баррасии масъалаҳои сайёҳӣ ва муаррифии ҷолибияти сайёҳии кишвар мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст.

Равиши таҳқиқ ба диссертант имкон додааст, ки заминаҳои иҷтимоиву ҳуқуқии рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон муайян ва таносуби инъикоси масъалаҳои марбут ба ин соҳа дар нашрияҳои даврӣ бо дарназардошти вижагиҳои жанрӣ мушаххас гардида, ба ин васила нақши матбуоти даврӣ дар ин самт нишон дода шавад.

Мухтавои рисола ва таҳлилу баррасиҳои мавзуъ нишон медиҳанд, ки унвонҷӯ ба мақсади гузошташуда расидааст. Дар заминаи таҳқиқу таҳлил матолиби марбут ба сайёҳӣ дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони

Тоҷикистон» муайян гардида, хусусиятҳои мундаричавию жанрии матолиби марбут ба мавзуъ нишон дода шудааст.

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ навишта шуда, дар ҷараёни таҳқиқу таҳлил ва собитсозии назару андеша муаллиф аз санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ, маводи матбуоти даврӣ, осори пажӯҳишии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ доир ба публитсистика, журналистикаи саёҳатӣ ва сайёҳӣ, ки дар монографияҳо, рисолаҳо, маҷаллаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва ғайра инъикос гардидаанд, фаровон ва ба маврид истифода намудааст.

Дастовардҳои ин рисоларо метавон дар ҷараёни тадриси фанҳои ихтисосӣ, курсу семинарҳои махсуси “Нақши матбуоти даврӣ дар тарғиб ва баррасии масъалаҳои сайёҳӣ”, таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаи журналистика истифода кард.

Натиҷаҳои тадқиқоти аз ҷониби унвонҷӯ ба анҷом расонидашуда дар шакли маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (солҳои 2019-2022) баён шудаанд.

Мазмуни асосии диссертатсияи илмии Абдуллоева Машҳура Нематовна дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯйи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия шомилгардида инъикос шудааст:

1. Абдуллоева, М.Н. Нақши матбуоти даврӣ дар рушди сайёҳӣ / М.Н. Абдуллоева // Гузоришҳои Академияи илмҳои ҶТ. – Душанбе, 2019.– №4 (008). – С. 229-234.

2. Абдуллоева, М.Н. Нақши матбуоти даврӣ дар таргиби тадбирҳои ҳукуматӣ доир ба рушди сайёҳӣ / М.Н. Абдуллоева, М.Б. Муродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020.– №1. – С. 256-262.

3. Абдуллоева, М.Н. Масъалаҳои рушди туризм дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» / М.Н. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020.– №3. – С. 299-305.

4. Абдуллоева, М.Н. Шарҳи воқеаҳои марбут ба туризм дар қолаби жанрҳои ахборӣ (дар мисоли рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон») / М.Н. Абдуллоева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – С. 272-280.

Диссертатсияи Абдуллоева Машҳура Нематовна «Баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» - солҳои 2015-2020)» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мувофиқ буда, он ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои матбуот, журналистикаи байналхалқӣ, телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст. Дар ҷаласа 18 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”–18 нафар, “зид” ва “бетараф” нест.

Қарори №8, аз 26 феврали соли 2022.

Мудири кафедраи матбуот, дотсент Усмонова Н.К.

Котиби илмӣ,
дотсент Бозорзода Н.Ш.

“Тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
www.tnu.tj
тел: (+992) 8342264715